# ТАВЗЕҲНОМА
## ба лоиҳаи "Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ"

Лоиҳаи "Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ" (минбаъд - Талабот) баҳри иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаи 48.2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ташкил медиҳад.

Мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ буда, яке аз роҳҳои нигоҳдории суботи низоми бонкии кишвар ин мунтазам талаб намудани нақшаҳои барқарорсозии фаъолият аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки дар моддаи 48.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" танҳо муқаррароти умумӣ пешбинӣ шуда, механизми таҳия ва истифоданамоии нақшаи барқарорсозӣ муайян нашудааст.

Бинобар ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Талаботи мазкур тибқи қонунгузорӣ таҳия шуда, он талаботи ҳадди ақалро ҳангоми таҳия ва амалисозии нақшаи барқарорсозӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян менамояд.

Лоиҳаи Талаботи зикргардида барқарор кардани сатҳи муносиби сармоя, пардохтпазирӣ, амалиёт ва инчунин, ҳифзи қобилияти ташкилотҳои қарзии молиявиро дар ҳолатҳои фишор (стресс), барои мусоидат ба нигоҳ доштани эътимоднокӣ, субот ва фаъолияти муътадили низоми молиявии миллӣ пешбинӣ менамояд.

Нақшаи барқарорсозӣ бояд ҳадди ақал тавсифи зеринро доро бошад, аммо бо ин маҳдуд нашавад:

- маълумоти умумӣ дар бораи ташкилоти қарзии молиявӣ;
- барномаи мониторинг;
- сенарияҳои стрессӣ;
- стратегияҳои барқарорсозии фаъолият;
- нақшаи иртибот (коммуникатсия);
- монеаҳо ва хавфҳо;

- фишангҳои роҳбарӣ/идоракунӣ.

Қабули Талаботи мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад ва дар ҳолати таҳия ва татбиқ намудани санади мазкур новобаста аз ҷой доштани пайомадҳои номуносиб дар иқтисодиёт ташкилотҳои қарзии молиявӣ омода мешаванд, ки фаъолияти устувории худро сари вақт барқарор намуда, барои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми худро гузоранд.

Дар ҳолати қабул нагардидани ҳамин Талабот механизми пешниҳод ва иҷрои нақша номаълум боқӣ монда, эҳтимол аст ҳангоми аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия намудани нақшаи барқарорсозӣ на ҳамаи самтҳои муҳим, ки барои барқарорсозӣ зарур мебошанд, ба нақша ворид карда шаванд ва ин ба омодагии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳолатҳои бӯҳронӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Муовини раис Салимзода А.А.